**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-004**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(Суроға: 734025, ш. Душанбе, к. Буни**
**Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 8)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзуи «Нақши мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзуи «Нақши мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодӣ бахшида шудааст, зеро дар тамоюлҳои ҷойдоштаи иқтисоди ҷаҳон такмили низоми банақшагирии стратегӣ дар кишвар бисёр саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки маҳз тавассути низоми мукаммали банақшагирии стратегӣ ба ҳадафу афзалиятҳои худ ноил гардида истодаанд.

Дар ин асно натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда метавонад, барои мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегии кишвар, таъмини сифатнок ва саривақтии хадафҳои стратегӣ, пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, такмили мониторинг ва баҳодиҳӣ, инчунин қонунгузории амалкунанда истифода шаванд, ки ин дар маҷмуъ ба таъмини устувории макроиқтисодӣ замина мегузорад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки банақшагирии стратегӣ ҳамчун унсури муҳим барои таъмини устувори дарозмуддати макроиқтисодӣ ва ноил гардидан ба ҳадфҳои гузошташуда баромад мекунад. Раванди мазкур асосан ба таҳлили вазъи воқеии иқтисодиёт, дурнамосозии равандҳои минбаъда ва таҳияи стратегияи баланд бардоштани рақобатпазири кишвар анҷом дода мешавад (саҳ. 14).

Муаллиф ҷанбаҳои назариявии низоми банақшагирии стратегиро аз нигоҳи олимон гурӯҳбандӣ намуда, онро ба се қисмат ҷудо

намудааст, аз ҷумла дар сатҳи иқтисоди миллӣ, минтақавӣ ва корхона (саҳ. 16-17). Дар асоси омӯзиши ақидаи олимон мафҳуми муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки фарогири низоми мукаммали банақшагирии стратегиро ифода мекунад (саҳ.18).

Ҳамзамон аз ҷониби муаллиф марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушди низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқот қарор гирифта, дар шакли расм оварда шудааст, ки қобили таваҷҷуҳ мебошад (расми 2).

Дар автореферат муаллиф қайд менамояд, ки ҳангоми таҳияи стратегия бояд роҳҳои гуногуни ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ, тибқи сенарияҳои эҳтимолӣ интихоб, баррасӣ ва татбиқ карда шаванд. Сенарияҳои татбиқи ҳадафҳо бояд дар вазъияти гуногун, бахусус дар вазъияти буҳронӣ, тағйирёбанда ва таъсири омилҳои мухталиф асоснок карда шаванд ва ба ин ақида мо низ розӣ шуда метавонем. (саҳ. 20).

Муаллиф ҳангоми анҷом додани таҳқиқот 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр намудааст, ки онҳо мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос мекунанд.

Дар маҷмуъ омӯзиши автореферати диссертатсияи Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзуи «Нақши мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» нишон дод, ки он бо забони хуби илмӣ навишта шуда, дорои аҳмияти муҳими илмӣ мебошад ва дар доираи он мақсаду вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд. Таклифу хулосаҳои муаллиф дар такмили низоми миллии банақшагирии стратегӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари натиҷаҳои илмии бадастомада ва ҷанбаҳои мусбии таҳқиқот ба ақидаи мо дар автореферат ба инобат гирифтани пешниҳодҳои зерин ба манфиати кор мебуд:

- дар расми 1 муаллиф модели таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегиро пешниҳод намудааст, хуб мешуд агар модели мазкур дар матни автореферат мушаххас шарҳ дода мешуд;

- дар ҷадвали 4 баъзе нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар

давраҳои бухронӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст, агар муаллиф оид ба бухронҳои иқтисодию молиявӣ маълумот меовард ба фоидаи кор буд.

Пешниҳодҳои овардашуда хусусияти тавсиявӣ дошта, мазмуну муҳтавои таҳқиқоти илмиро коста намегардонад ва ҷиҳати ба инобат гирифтани онҳо аз ҷониби муаллиф дар таҳқиқотҳои оянда муфид мебошад.

Хулоса автореферати диссертатсияи Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзуи «Нақши мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) ҷавобгӯ аст ва муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Муқарриз,
н.и.и., дотсент, декани факултети
молиявию иқтисодии
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Фатҳуллозода А.Ф.

Суроға: 735360, Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб,
куч. С.Сафаров 16, бинои 3.
Тел: (+992 3322) 2-35-06, 2-35-09, (+992 98) 801-9666;
E-mail: info@kgu.tj, kholiq8989@mail.ru

Имзои «Фатхуллозода А.Ф.»-ро тасдиқ мекунам
Сардои Раёсати кадрҳо ва КМ,
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Амиров Ф.

Сана: «12» 05 с. 2023